# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Қуватова Рафоат Ашуровна дар мавзуи “Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат (дар мисоли Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

## МУБРАМ БУДАНИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

Ҳадафи муҳими низоми маориф тарбияи шахсияти фаъолу созанда ва бунёдкори ҷомеаи навини аз лиҳози техникиву технологӣ рушдёфта ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад омода намудани хонандагон ҳамчун мутахассисони оянда, ки бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ бошанд яке аз масъалаҳои муҳимми соҳа маҳсуб меёбад. Дар ин самт ба дарёфт, таълиму тарбияи хонандагони болаёқат ва рушд додани қобилиятҳо онҳо махсусан дар самти омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода мешавад.

Муаллиф таъкид намудааст, ки Сарвари давлат бо мақсади беҳтар намудани раванди омӯзиши илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, инчунин рушди тафаккури техникии насли наврас, солҳои 2020-2040-ро «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи илму маориф» эълон намуданд. Ин ташаббусҳо ва дастурҳои Сарвари давлат нишон медиҳанд, ки омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар сиёсати давлатӣ дар соҳаи илм ва маориф самтҳои афзалиятнок дониста шуда, сиёсати давлатиро дар ин самт муайян мекунанд.

Дар рисола тазаккур дода шудааст, ки муҳимтарин тадбири давлатӣ барои таъмини рушди устувор фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон намудани солҳои 2020-2040» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2020-2025 оид ба амалигардонии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон намудани солҳои 2020-2040» маҳсуб меёбанд.

Дар ин самт бо мақсади дарёфту рушди қобилятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат ҳалли масъалаҳои зерин муҳим ба ҳисоб меравад: фароҳам овардани шароити муносиби таълим, тарбия ва рушди наврасону ҷавонони болаёқат, таъминоти психологию педагогӣ ва иҷтимоию иқтисодии онҳо; интихоби кадрҳои омӯзгорӣ; таъминоти илмию методии кор бо хонандагони болаёқат.

Имконнопазирии таълиму тарбияи кӯдакони лаёқатманд дар як “боғчи таълимӣ” ҳарчи бештар аз ҷониби ҷомеа эътироф шуда, мутахассисонро ба таҳияи моделҳои нави таълим водор мекунад. Аз ҷониби муаллиф ошкор карда шудааст, ки мушкилоте, ки дар ин маврид ба миён меоянд, на танҳо ба интихоби механикии кӯдакони лаёқатманд аз миёни оммаи умумии хонандагон, балки ба масъалаҳои сарбории муносиб, низоми баҳодиҳӣ, дарсҳои иловагӣ, инкишоф ва таҳкими сатҳи баланди ҳавасмандгардонии таълим ва ҳифзи иҷтимоӣ вобаста мебошанд.

Аз ин рӯ, дар низоми соҳаи маориф ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, мубрамияти мавзуи таҳқиқотро тасдиқ менамояд.

## МУТОБИҚАТИ ДИССЕРТАТСИЯ БА ИХТИСОСҲО ВА САМТҲОИ ИЛМ, КИ АЗ РӮЙИ ОНҲО ДИССЕРТАТСИЯ БА ҲИМОЯ ПЕШНИҲОД ШУДААСТ

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Куватова Рафоат Ашуровна дар мавзуи “Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат (дар мисоли Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе)” ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: аз он ҷумла, ба *банди 3* – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия , таҳсилот;), *банди 4* – «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими кӯдак дар давраҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; фардикунонӣ ва тафриқаи таълим; намудҳо ва амсилаҳои таълим, доираи татбиқи онҳо; технологияҳои таълим; консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ-тарбиявии раванди таълим ва воситаҳои таълим, махсусиятҳои таълим дар зинаҳои гуногуни таҳсилот) мутобиқат дорад.

## ДАРАҶАИ НАВГОНИИ НАТИҶАҲОИ ДАР ДИССЕРТАТСИЯ БАДАСТОМАДА ВА НУКТАҲОИ ИЛМИЕ, КИ БАРОИ ҲИМОЯ ПЕШНИҲОД МЕШАВАНД

Навгониҳои илмие, ки дар дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф ба даст оварда шудаанд, дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба масъалаҳои назарӣ ва амалии муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат дар шароити литсей дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, боварибахш ва боэътимод буда дар бандҳои зерин инъикос меёбанд:

- усулҳои ташхиси лаёқатмандии хонандагон дар раванди таълим муайян карда шуданд;

- модели салоҳиятноки таълими фанҳои табиию риёзӣ барои хонандагони болаёқат дар литсей дар асоси равишҳои муосири таълим ва адабиёти илмию методӣ таҳия гардиданд;

- иқтидори равиши салоҳиятнокӣ дар баланд бардоштани ҳавасмандии хонандагон ба омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ, инчунин дар рушди салоҳиятҳои маърифатӣ ва иртиботии онҳо муайян карда шуд;

- принсипҳои асосии таҳияи барномаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат аз фанҳои дақиқи барои дарсҳои асосӣ ва иловагӣ асоснок карда шуд;

- низоми самараноки баландбардории маҳорати касбии дохилимуассисавии омӯзгорони литсей коркард ва таҳия гардиданд;

- имкониятҳои истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим зимни таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат илман асоснок карда шуданд.

Илова ба навгониҳои илмии болозикр, мавқеи илмии муҳаққикро нуктаҳои зерини ба ҳимоя пешниҳодшаванда фаро мегиранд, ки онҳо баёнгари мазмуни асосӣ ва моҳияти мантиқии диссертатсия буда, муаррифгари натиҷаҳои зимни гузаронидани пажӯҳиш ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастовардаи муаллиф мебошанд:

1. Муқаррар гардидааст, ки навсозии низоми таҳсилоти умумӣ зарурат пеш овардааст, ки қобилиятҳои зеҳнӣ ҳадафмандона ташаккул дода шуда, раванди рушди қобилиятҳои хонандагони болаёқат тавассути таҳкими омӯзиши фанҳои дақиқ дар низоми таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ ва иловагӣ амалӣ карда мешавад.

2. Исбот карда шудааст, ки раванди рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат аз фанҳои дақиқ ба принсипҳои иҷтимоӣ-психологӣ ва ташкилию педагогии муваффақият, муколама, навоварӣ, эҷоди муносибати омӯзгор ва хонанда, самти коммуникативӣ, рушди эҷодиёти кӯдакон асос меёбад.

3. Муайян гардидааст, ки низоми самарабахши раванди таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат, ки дар шароити литсей ташкил карда шудааст, ба беҳтар гардонидани сатҳу сифати таҳсилот мусоидат менамояд;

4. Асоснок карда шудааст, ки методикаи таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат дар шароити литсей бо мақсади оптимизатсияи раванди таълим аз лиҳози илмӣ-методӣ дар баландшавии сифати таҳсилоти хонандагон нақши муҳим дорад;

5. Ошкор карда шудааст, ки таҳия ва коркард шудани низоми омӯзиши амиқи фанҳои дақиқи тавассути омодасозии хонандагони болаёқат ба олимпиадаву озмунҳои зеҳнӣ дар ташаккул ва рушди қобилияти зеҳнии хонандагон мусоидат менамояд.

## АСОСНОКӢ ВА ЭЪТИМОДНОКИИ ХУЛОСАҲО ВА ТАВСИЯҲОИ ДАР ДИССЕРТАТСИЯ ЗИКРШУДА

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои зимни иҷрои корҳои таҳқиқотӣ бадастомада бо истифода аз доираи васеи базаи методологӣ, омӯзиш ва таҳлили теъдоди зиёди адабиёти илмии ба масъалаи таҳқиқот алоқаманд ва баррассии ҷабҳаҳои гуногуни мавзуи кори илмӣ таъмин карда шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда ҷамъбаст ва мураттаб гардидаанд, ки онҳо нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшударо исбот ва фарзияи таҳқиқотро тасдиқ мекунанд.

Факту рақамҳои дар диссертатсия овардашуда ва матолиби дар он дарҷгардида аз ҳаҷми калони кори илмии баанҷомрасонидаи муаллиф ва якчанд-соли пажӯҳиширо фаро гирифтани кор шаҳодат медиҳанд.

Ҳамзамон, эътимоднокии натиҷаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳои илмии нашркардаи муаллиф, маърӯзаҳои ӯ аз рӯйи мавзуи таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва баррасии натиҷаҳои аз кори таҳқиқотӣ бадастомада дар семинарҳои илмӣ-методӣ таҷассум меёбад.

## АҲАМИЯТИ ИЛМӢ, АМАЛӢ, ИҚТИСОДӢ ВА ИҶТИМОИИ НАТИҶАҲОИ ДИССЕРТАТСИЯ БО НИШОН ДОДАНИ ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ ОНҲО

Навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ будани кори диссертатсиониро тасдиқ мекунанд.Муаллиф масъалаи муносибати босалоҳитятро дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат аз нигоҳи заминаи асосии кор бо хонандагони болаёқат мавриди пажӯҳиш қарор дода, истифода бурдан аз усулҳои муосирро дар вақти ташхиси сатҳи салоҳияти омӯзгорон ва хонандагон, инчунин дар раванди таҳия ва истифодаи барномаи самарабахшии таълим муфид арзёбӣ кардааст.

Зимни шиносоӣ бо рисолаи диссертатсионӣ аён мегардад, ки муҳаққиқ маводи зиёди назариявии ба усулҳои таълими фанҳои дақиқи тавассути муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат алоқамандро таҳқиқ намуда, дар асоси таҳлили муқоисавии андешаҳои олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ нақш ва мақоми хоси муносибати босалоҳият ба таълимро дар самарабахшии фаъолияти таълимӣ ва рушди қобилияти зеҳнии хонандагон исбот карда, усулҳои педагогии рушди ингуна қобилиятҳоро коркард ва татбиқ намудааст.

Аҳамияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар бандҳои зерин зоҳир гардидаанд:

- мафҳумҳои асосии таҳқиқотии "лаёқатмандӣ", "Қобилият ва қобилиятҳои зеҳнӣ" инчунин "рушди лаёқатмандии хонандагон" ҳамчун тавсифи психологию педагогии шахсият ифода гардид;
- шароит ва имконияти педагогии рушди лаёқатмандии хонандагон дар шароити литсей зимни таълими фанҳои дақиқ муайян карда шуданд;
- усулҳои самаранок ва инноватсионии таълимӣ, ки дар таълими фанҳои дақиқ истифода мешаванд ошкор шуданд, ки барои ташаккул ва рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат мусоидат менамоянд;
- татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ аз ҷониби омӯзгорон аз лиҳози илмӣ ва назариявӣ асоснок карда шуд, ки малакаву маҳорати хонандагонро сайқал медиҳанд;
- таълими фанҳои дақиқ дар литсей дар дарсҳои асосӣ ва машғулияти иловагӣ тавассути модели ғанигардонӣ ва пурра намудани мазмуни таҳсилот таҳияву санҷида шуданд;
- низоми баландбардории маҳорати касбии омӯзгорон дар шароити

дохилимуассисавӣ бо назардошти ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълимӣ коркард карда шуданд.

Натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада метавонанд дар таҳияи минбаъдаи дастурҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва воситаҳои методӣ истифода бурда шаванд. Инчунин, рисолаи илмӣ метавонад дар оянда ба сифати рисолаи бунёдӣ ва роҳнамо дар таҳқиқотҳои диссертатсионии дигар ва ё масъалаҳои ҷудогонаи ба самти диссертатсияи мазкур алоқаманд хизмат намояд.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо таваҷҷӯҳи он ба ҳалли масъалаи рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат дар ҷараёни таълими фанҳои дақиқ дар шароити таълимии литсей дар нуктаҳои зерин муайян карда шудаанд:

- муқаррарот ва хулосаҳои назариявӣ, ки дар рафти таҳқиқоти диссертатсия ба даст оварда шудаанд, барои такмили низоми таълими фанҳои дақиқ дар шароити литсей дар раванди таҳсилоти асосию миёна ва иловагӣ ва татбиқи минбаъдаи он замина фароҳам меорад;
- модели санҷидашудаи идоракунии раванди таълими фанҳои дақиқ дар шароити литсей пешниҳод карда шуд.
- натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла маводи психологию педагогӣ, ташхисӣ, технологӣ ва методие, ки барои таълими фанҳои дақиқ ва рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат заруранд, метавонанд аз ҷониби омӯзгорони гимназияю литсейҳо, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, ки бо онҳо кор мекунанд, истифода бурда шаванд.
- маводи бадастомада ва хулосаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми маърӯзаҳо, курсҳои махсус, семинарҳо барои хонандагону омӯзгорони оянда ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон мавриди истифода қарор бигиранд.

## НАШРИ НАТИҶАҲОИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР МАҶАЛЛАҲОИ ТАҚРИЗШАВАНДАИ ИЛМӢ

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 12 таълифоти муаллиф, аз ҷумла, дар 4 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон батабъррасида инъикос ёфтаанд. Дар интишороти илмӣ мазмун ва мундариҷаи асосии рисолаи илмӣ, натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада, хулоса ва тавсияҳои муаллиф ҷой дода шудаанд.

## МУТОБИҚАТИ БАРАСМИЯТДАРОРИИ ДИССЕРТАТСИЯ БА ТАЛАБОТИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсия ва автореферати бо дарназардошти талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия таълиф карда шудаанд.

Автореферати диссертатсия мазмун ва мундариҷаи мухтасари диссертатсияро ифода намуда, моҳияти таҳқиқоти баанҷомрасида ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро муаррифӣ мекунад.

Натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқ ва эътимоднокии онҳо, хулосаю тавсияҳои муаллиф аз ҷиҳати илмӣ ва методӣ асоснок карда шудаанд.

Тибқи муқаррароти дастурамали болозикр рисола бо забони равон ва оммафаҳми илмӣ навишта шуда, дар он тартиби таҳия, тақсимкунӣ ба бобу фаслҳои алоҳида ва ҷойгиркунии мантиқии онҳо аз рӯйи тартиби дурусти робитаи байниҳамдигарӣ риоя гардидааст. Барои ҳар боб дар алоҳидагӣ ва барои диссертатсия дар умум хулосаҳои мувофиқ матраҳ ва пешниҳод карда шудаанд.

## ТАВСИФИ МУХТАСАРИ МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ ДИССЕРТАТСИЯ

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Мундариҷаи диссертатсия дар 178 саҳифа баён шуда, дар он 11 ҷадвал истифода шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 187 номгӯй иборат аст фаро гирифтааст.

Дар муқаддима аҳамияту дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, сарчашмаҳои маълумот, усулҳои пажӯҳиш, навгониҳои илмӣ, арзишҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян карда шудаанд.

Дар боби якум “**Лаёқатмандӣ дар низоми илмҳои муосири педагогӣ ва психологӣ”** асосҳои илмӣ-назариявии мафҳуми “лаёқат” дар илмҳои педагогӣ ва психологӣ, консепсияҳои муосири педагогӣ оид ба лаёқатмандии хонандагон ва усулҳои таълими хонандагони болаёқат тавассути муносибати босалоҳият ба таълим мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар боби мазкур таъкид шудааст, ки масъалаи асосии муайян кардани моҳияти мафҳуми истеъдод ин масъалаи муайян намудани фарқияти он аз зуҳуроти дигари ҳаёти равонии шахс мебошад. Бузургтарин мушкилии назариявӣ дар муайян кардани истеъдод дар истифодаи дурусти мафҳумҳост. Дақиқ намудани мафҳуми истеъдод чӣ дар сатҳи илмиву академӣ ва чӣ дар сатҳи амалия, яъне зиндагии рӯзмара ба талаботи замона табдил ёфтааст.

Муаллиф истифодаи хуби таҳқиқотҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро ба роҳ монда, зимни омӯзиш ва таҳлили муқоисавӣ арзишмандии онҳоро дар кори худ таъкид намудааст.

Дар асоси пажӯҳиши хеш муаллиф қайд мекунад, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар соҳаи илму маориф муносибати босалоҳият ба таълим рӯз то рӯз аҳамияти бештар пайдо мекунад ва ташаккули салоҳиятҳои асосии наврасону ҷавонон самти натиҷабахш дар илм ва амалияи таълим ба ҳисоб меравад. Бо салоҳиятҳои асосӣ мусаллаҳ намудани ҷавонону наврасон имкон медиҳад, ки онҳо дорои маҷмӯи донишҳои назариявии хуб шаванд ва қобилияти истифодаи донишҳои гирифтаи худро барои ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ ё ҳолатҳои мушкил доро бошанд.

Муаллиф таъкид намудааст, ки омӯзиши фанҳои табиӣ бояд бо истифода аз усулҳои гуногуни таълимӣ ба роҳ монда шавад ва аз усули назариявӣ ба амалӣ ва аз умумӣ ба хусусӣ равона шуда бошад. Истифодаи таҷҳизоти замони муосир ва технологияи инноватсионӣ дар раванди дарсҳои омӯзишии назариявӣ ва амалии фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар рушди салоҳиятҳои омӯзишӣ-маърифатӣ, иттилоотӣ ва иртиботии хонандагони болаёқат нақши бориз дорад. Гузаронидани корҳои лабораторӣ ва амалӣ бо истифода аз таҷҳизоти муосир дар раванди таълими ин фанҳо ба рушди малакаю маҳорати хонандагони болаёқат таъсири мусбат мерасонад.

Таҳлилҳои анҷомдодаи муаллиф нишон медиҳанд, ки агар хонандагони болаёқат дар дарсҳои назариявӣ тақрибан аз 15 то 20%-и мавзуи омӯзиширо азхуд намоянд, ҳангоми корҳои амалӣ қариб 80%-и мавзуъро аз бар менамоянд. Ба ин васила ҳавасмандии хонандагони болаёқат ба корҳои амалӣ ва истифодаи таҷҳизоти муосир зиёд гардида, кӯшишу ғайрат ва завқашон бештар мегардад.

Боби дуюм **“Татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ дар литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе”** ном дошта, дар он масъалаҳои махсусияти омӯзиши амиқи фанҳои дақиқи дар шароити литсей, такмили маҳорати касбии омӯзгорони литсей дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ ва рушди қобилияти хонандагони болаёқат аз фанҳои дақиқ тавассути олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои зеҳнӣ мавриди таҳлилу арзёбӣ карор дода шудааст.

Дар боби мазкур қайд гардидааст, ки мазмуни таълим дар литсей барои кӯдакони болаёқат дар муқоиса бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ин фароҳам овардани шароити муносиб ҷиҳати рушди қобилиятҳои зеҳнии онҳо ва таъмини самаранокии раванди таълим, аз ҷумла омӯзиши фанҳои дақиқ ба ҳисоб меравад. Бартарии литсей дар он аст, ки аз як тараф маълумоти умумиро таъмин намояд, аз тарафи дигар хонандагонро мувофики майлу хоҳишашон ба таълими иловагӣ фаро гирифта метавонад.

Муаллиф таъкид месозад, ки таълими фанҳои дақиқи тавассути муносибати босалоҳият ба таълим аз ҷониби омӯзгорони Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе самаранок ва хеле муфид ба роҳ монда шудааст. Омӯзгорон бо муносиабти босалоҳият ба таълим фаъолияти хонандагонро дар синф дар шаклҳои гуногун – инфиродӣ, дунафарӣ ё гурӯҳӣ ташкил намуда, фазои ягонагӣ ва иҷтимоишавии хонандагонро ба вуҷуд меоранд, қобилияти эҳтироми фикри ҳамдигар, дар доираи мавзуъ сухан гуфтанро ташаккул медиҳанд, ба толибилмон шароит фароҳам меоранд, ки андешаҳои худро озодона баён кунанд, мавқеъ ва нуқтаи назари худро дар мавриди зарурӣ иброз доранд.

Бан андешаи муаллиф талаботи баланде, ки дар Литсей №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе нисбат ба омӯзгорон дар таълими хонандагони болаёқат гузошта мешавад, тақозо намуд, ки барномаҳои таълимии фанҳои дақиқ аз нав дида баромада, такмил дода шаванд.

Дар хулосаи рисола масъалахои матраҳшуда натиҷагирӣ карда шуда, хулосаҳои таҳқиқоти анҷомёфта ва тавсияҳои мушаххасу боэътимод дар робита ба рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат пешниҳод карда шудаанд.

## КАМБУДӢ ВА НОРАСОӢ ДАР ТАҲҚИҚОТИ ДИССЕРТАТСИОНӢ ВА ЭРОДҲО НИСБАТИ ОНҲО

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ – дастовардҳои муҳими назариявӣ ва амалии таҳқиқот, ки баёни онҳо болотар оварда шудааст, дар диссертатсия ва автореферати он баъзе камбудӣ ва норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои ислоҳ ва ё тавзеҳ ҷиҳати такмили минбаъдаи рисолаи илмӣ хеле муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Хуб мебуд, ки агар муаллиф масъалаи мазкурро ҳангоми таълими фанҳои дақиқ дар синфҳои ибтидоӣ низ мавриди баррасӣ қарор медод.

2. Дар рисола ба масъалаи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат тавaҷҷуҳи зиёд зоҳир карда шудааст, вале дар ин баробар самаранокии кори илмӣ боз ҳам беҳтар мегардид, агар муаллиф инчунин ба масъалаи баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон вобаста ба муносибати босалоҳият ба таълимро ҳам мавриди таҳлил қарор медод.

3. Хуб мешуд унвонҷӯ феҳристи адабиёти истифодашудаи кори илмии таҳқиқотии хешро ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионӣ мутобиқ менамуд.

4. Ҳам дар автореферат ва ҳам дар рисола баъзе хатоҳои услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Таъкид месозем, ки камбудӣ ва норасоиҳои зикршуда бештар хусусияти тавсиявӣ дошта, ба ҳеч ваҷҳ мубрамияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзишҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намегардонанд. Кори таҳқиқотӣ дар сатҳи матлуби назариявӣ ва методӣ иҷро карда шуда, хусусияти мустақилӣ ва мукаммалиро соҳиб аст ва ҳамчун кори анҷомёфтаба ҳисоб меравад.

## ХУЛОСА

1. Диссертатсияи Қуватова Рафоат Ашуровна дар мавзуи “Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат (дар мисоли Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе)” кори таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб меравад, ки дар сатҳи хуби илмӣ таҳия гардидааст. Он барои соҳаҳои маориф ва илм арзиши муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф эътимоднок буда, хулоса ва тавсияҳои ӯ асосноканд.

2. Муаллиф ба мақсади дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда расида, вазифаҳои барои таҳқиқот пешбинишударо ҳал карда, фарзияи таҳқиқотро исбот намудааст.

3. Мақолаҳои илмии батабърасидаи муаллиф ва автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд

4. Диссертатсияи Қуватова Рафоат Ашуровна дар мавзуи "Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат (дар мисоли Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе)", ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои педагогӣ,
директори Литсей барои хонандагони
болаёқат дар шаҳри Турсунзода Анварзода Ҳ.А.

Имзои Анварзода Ҳокимҷон Анварро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳои
ЛБХБ ш.Турсунзода Абдуллоева Д.

**Маълумот барои тамос:** шаҳри Турсунзода, 735000, маҳаллаи 5-ум, кӯчаи Т.Матқозимов -129; телефон: +992 (3130)22084, E-mail: mdt.lbxb.tursunzoda@mail.ru